**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# ФАРМОИШ - РАСПОРЯЖЕНИЕ

таърих 15.07.13 г.Душанбе № 67

Бо мақсади ба танзим даровардани меъёрҳои амалкунандаи арзиши ашёҳои камнарху тезхӯрдашаванда ва инъикос намудани арзиши воқеии воситаҳои гардон дар баҳисобгирии муҳосибӣ, мутобиқ ба моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12. 2006с, №588 «Дар бораи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**фармоиш медиҳам:**

1. Аз 1 июли соли 2013 арзиши молу ашёҳои камарзиш ва зудфарсудашавандае, ки ба таркиби воситаҳои гардон дохил буда, мӯҳлати муфиди истифодабариашон на беш аз як сол аст, бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда шуда, аз рӯи меъёрҳои зерин муқаррар карда шавад:

-- барои ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ – 25 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

-- барои субъектҳои хоҷагидории новобаста аз шакли моликият ва тобеъияти сохторӣ – 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

-- барои сафоратхонаҳо, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар – 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

2. Мактуби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.12.2006, таҳти рақами 7-7/53 беэътибор дониста шавад.

3. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини вазири молия – Ҳакимов Р. А. вогузор карда шавад.

Вазир С. Наҷмудинов